Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон
(ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимова, 64/14)

# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Масъалаи дастгирии молиявии буҷети маҳалҳо ва босамар истифоданамоии он муҳимтарин вазифа дар самти ислоҳоти равобити байнибуҷетӣ маҳсуб меёбад, ки дар ин низом ҷоринамоии принсипҳои расонидани кумаки объективии молиявӣ ва вижагиҳои таҳриккунандаи дастгирии молиявӣ нақши калидиро иҷро менамоянд.

Дар шароити имрӯза, низоми равобити байнибуҷетӣ ба ислоҳоти амиқу фарогир ниёз дорад. Зеро асоси он — таъмини мувозинати молиявии байни сатҳҳои гуногуни буҷет — заминаи ҳуқуқии устувору равшани танзими равандҳои мушаххаси соҳа ва густариши муносибатҳои байнибуҷетиро тақозо мекунад. Бо вуҷуди ин, дар қонунҳои амалкунанда, танҳо мафҳумҳои умумӣ ва принсипҳои ташаккули низоми равобити байнибуҷетӣ зикр ёфта, тартибу механизми амалӣ намудани кумакҳои молиявӣ ва шаклҳои трансфертҳои байнибуҷетӣ ба таври муфассал муайян нашудаанд.

Бинобар ин, бо дарназардошти вазъи воқеӣ ва муосир, ҳадафи афзалиятноки низоми буҷети ҷумҳуриявӣ бояд мувозингардонии қобилияти молиявии минтақаҳо бошад. Ин, дар асл, маънои онро дорад, ки таъмини худтаъминӣ ва рушди пойдор дар асоси иқтидори молиявии минтақаҳо бояд таъкид шавад. Илова бар ин, бояд иброз дошт, ки на танҳо мақомотҳои дар марказ воқеъбуда метавонанд ҷиҳати ҳалли мушкилоти ин ва ё он минтақа чораҳои зарурири роҳандозӣ намоянд, балки мақомотҳои дар маҳалҳо қарордошта низ бояд дар ин ҷода масъулияти ҷиддӣ дошта бошанд, яъне кӯшиш ба харҷ диҳанд, то иқтидори молиявии худро то ҳадди имкон густаришу тавсеа диҳанд.

Аз ин рӯ, мавзуи интихобгардида дар шароити имрӯза мубрам буда, натиҷаҳои бадастоварда қобили дастгирӣ мебошад.

Вобаста ба муваффақиятҳо ва натиҷаҳои бадастовардашуда сифати таҳқиқот беҳтар мегардид, агар муаллиф ба масъалаи зерин аҳамияти бештар медод:

1. Хуб мешуд дар автореферат сенария, дурнамои вазъи рушди муносибатҳои байнибуҷетӣ оварда мешуд.

Новобаста аз он, ки чунин эрод оварда шуд, умуман ба кори илмии унвончӯ таъсири манфӣ намерасонад ва он ҳамчун хусусияти тавсиявӣ дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми идоракунии муносибатҳои байнибуҷетӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳазратзода Темурҷон Ҳазрат сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**Ректори Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон**
**д.и.и., и.в. профессор** **Раҳмонзода З.Ф.**

*Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоева 63/3*
*Донишгоҳи технологии Тоҷикистон*
*Тел: +992 372 34 59 73, http://www.tut.tj*

Дурустии имзои д.и.и, и.в. профессор Раҳмонзода З.Ф. - ро тасдиқ менамоям:

**Сардори раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва назорат** **Абдуназаров А.Ҷ.**